АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «30» августи соли 2024 №214 ш. Душанбе

## Дар бораи таъсиси комиссия оид ба назорати омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ

Бо мақсади ташкили назорати ҳолати омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби кормандони мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, мувофиқи сархати якуми банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» ва банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо аз 13 майи соли 2022, №384), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ карда шудааст, ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1.Комиссия оид ба назорати омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ тибқи ҳайати замимагардида таъсис дода шавад.

2.Комиссияи мазкур фаъолияти худро дар асоси талаботи бандҳои 24-29 Қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ, ки бо фармоиши якҷояи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2024, №152 ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2024, №753 тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монад.

3. Ба комиссия ҳуқуқ дода шавад, ки дигар мутахассисон/коршиносони забондонро тибқи тартиби муқаррargардида дар санҷишҳои мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ оид ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҷалб намояд.

4.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

Директори Агентӣ Давлатов Ҷ.М.

Замима
ба фармоиши Агентии
хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
«30» августи соли 2024, №214

## Ҳайати
## комиссия оид ба назорати омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ

-Давлатов Ҷумъа Муҳмадалиевич-директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси комиссия

-Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло-муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия

-Қурбонзода Ҳилолбӣ Ҷумъахон-муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия

-Садриддинов Аврангзеб Бобоҷонович-сардори шуъбаи ҳифзи иҷтимои хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби комиссия

Аъзои комиссия:

-Файзуллозода Амонулло Файзулло-сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Саъдуллозода Шамсиддин Сайфиддин-сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Кенҷазода Мирзо Анвар-сардори шуъбаи ташкилию иттилоотии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Саидова Мадина Додоҷоновна-сардори шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Ҳамдамов Абубакр Алимардонович-сармутахассиси шуъбаи захираҳои инсонии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Наврӯзшоев Баҳриддин Хушолович-номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

-Атакуллаев Усмон Исмоилович-номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

-Ҷоматов Саймуддин Салоҳиддинович-доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои шарқи факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

-Валиев Нуралӣ Умарович-номзади илмҳои филологӣ, дотсенти факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

-Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович-номзади илмҳои филологӣ, омӯзгорӣ кафедраи назария ва амалияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

-Гулаҳмадшоева Наргис Иқболшоевна-омӯзгори калони кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.